“ТАСДИҚ КАРДА ШУД”

Бо Қарори Раёсати Иттифоқи
адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 09 октябри соли 2023.

# Н И З О М Н О М А
## Дар бораи тартиби тайёр кардан, нигоҳ доштан, ба ҳисоб гирифтан ва додани ордер

**1.Қоидаҳои умумӣ.**

1.1. Мақсади Низомномаи мазкур аз ба роҳ мондани тартиби ягонаи тайёр кардан, нигоҳ доштан, ба ҳисоб гирифтан ва додани ордерҳо дар Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

1.2. Намунаи ягонаи шакли ордер аз ҷониби Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

1.3.Роҳбарии умумӣ ва назорат оиди риоя намудани талаботҳои Низомномаи мазкурро Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

**2. Тайёр кардани бланкҳои ордерҳо.**

2.1. Ордер дар асоси фармоиши Раёсати Иттифоқи адвокатҳо аз рӯи шакли муқарраркардашуда, бо теъдоди зарурӣ тайёр карда мешавад.

**3. Шакли ордер.**

3.1. Ордер аз се қисм иборат мебошад.

3.2. Қисми якуми ордер маълумотҳои зеринро дар бар мегирад:

−номгӯи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

−номи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо;

−номи шакли ташкилии фаъолияти адвокатӣ, суроға ва рақами телефони ташкилот ва ё адвокат;

−номи ҳуҷҷат (ордер), рақами тартибии ордер ва ишора ба қисми он;

−санаи додани ордер;

−дода шуд ба адвокат (насаб, ном ва номи падари адвокат);

−рақами шаҳодатномаи адвокат;

−барои иштирок;

−роҳбари ташкилоти адвокатӣ, насаб ном, номи падар ва имзо;

−Ордерро гирифт (ном, насаб ва имзои адвокате, ки ордерро гирифтааст);

3.3. Қисми дуюми ордер маълумотҳои зеринро дар бар мегирад:

− Дар қисми болои ордер нишони Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ранга ҷойгир карда мешавад;

−номгӯи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

−номгӯи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо;

−номи шакли ташкилии фаъолияти адвокатӣ, суроға ва рақамҳои телефони ташкилот ва ё адвокат;

−номи ҳуҷҷат (ордер) ва рақами тартибии он;

−бо ранги сурх ишора барои пешниҳод ба тавқифгоҳҳои нигаҳдории муваққатӣ, тавқифгоҳҳои тафтишотӣ ва муассисаҳои ислоҳӣ;

−санаи додани ордер;

−дода шуд ба узви Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Насаб, ном ва номи падари адвокат;

−рақами шаҳодатномаи адвокат;

−барои иштирок;

−роҳбари ташкилоти адвокатӣ, насаб ном, номи падар ва имзо;

−мӯҳри Иттифоқи адвокатҳо.

3.4. Қисми сеюми ордер маълумотҳои зеринро дар бар мегирад:

− Дар қисми болои ордер нишони Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ранга ҷойгир карда мешавад;

−номгӯи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

−номгӯи мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо;

−номи шакли ташкилии фаъолияти адвокатӣ, суроға ва рақамҳои телефони ташкилот ва ё адвокат;

−номи ҳуҷҷат (ордер) ва рақами тартибии он;

−бо ранги сурх ишора барои пешниҳод ба тавқифгоҳҳои нигаҳдории муваққатӣ, тавқифгоҳҳои тафтишотӣ ва муассисаҳои ислоҳӣ;

−санаи додани ордер;

−дода шуд ба узви Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Насаб, ном ва номи падари адвокат;

−рақами шаҳодатномаи адвокат;

−барои иштирок;

−роҳбари ташкилоти адвокатӣ, насаб ном, номи падар ва имзо;

−мӯҳри Иттифоқи адвокатҳо.

3.5. Ордер бо имзои роҳбари шакли ташкилии фаъолияти адвокатӣ ва бо мӯҳри Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ карда мешавад.

3.6. Қисми якуми ордер, бояд маълумотҳои дар қисми дуюм ва сеюми ордер зикршударо дар бар гирад.

3.7. Намунаи ордер, ки бо қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, ҷузъи Низомномаи мазкурро ташкил медиҳад.

**4. Баҳисобгирӣ ва тартиби додани ордер.**

4.1. Шумора ва рақами тартибии ордерҳо, ки аз тарафи Иттифоқи адвокатҳо чоп карда шудаанд, дар китоби бақайдгирӣ ва супоридани ордерҳо ба қайд гирифта мешаванд.

4.2. Китоби бақайдгирӣ ва супоридани ордерҳои Иттифоқи адвокатҳо маълумотҳои зеринро дар бар мегиранд:

−номи пурраи мақомоти минтақавӣ;

−рақами тартибии ордерҳо;

−шумораи ордерҳо;

−санаи додани ордерҳо;

−ному насаби шахсе, ки ордерҳоро гирифтааст;

−имзои шахсе, ки ордерро гирифтааст.

4.3. Ордерҳо, аз тарафи шахсони масъули Иттифоқи адвокатҳо дар асоси дархост ба роҳбарони мақомотҳои минтақавии иттифоқи адвокатҳо ва ё шахси онҳоро ивазкунанда бо гирифтани имзояшон дар китоби бақайдгирӣ супорида мешаванд.

4.4. Мақомотҳои минтақавӣ ордерҳои аз Иттифоқи адвокатҳо гирифташударо дар китоби бақайдгирӣ ва супоридани ордерҳо ба қайд мегиранд.

4.5. Китоби бақайдгирӣ ва супоридани ордерҳои мақомотҳои минтақавӣ маълумотҳои зеринро дар бар мегиранд:

−номи пурраи шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ;

−рақами тартибии ордерҳо;

−шумораи ордерҳо;

−санаи додани ордерҳо;

−ному насаби шахсе, ки ордерҳоро гирифтааст;

−имзои шахсе, ки ордерро гирифтааст.

4.6. Роҳбарони мақомотҳои минтақавии иттифоқи адвокатҳо, ордерҳои рақамбандӣ шударо дар асоси дархост ба шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ бо гирифтани имзояшон дар китоби бақайдгирӣ месупоранд.
4.7. Роҳбарони шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ ордерҳои аз мақомотҳои минтақавӣ гирифташударо дар китоби бақайдгирӣ ва супоридани ордерҳо ба қайд мегиранд.
4.8. Китоби бақайдгирӣ ва супоридани ордерҳои шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ маълумотҳои зеринро дар бар мегиранд:

–насаб, ном ва номи падари адвокат;

–рақами тартибии ордер;

–санаи додани ордер;

–иштирок дар парванда (бо зикри мақомоте, ки ордер ба он пешниҳод карда мешавад);

–имзои адвокате, ки ордерро гирифтааст;

–эзоҳ.

4.9. Ҳангоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани намояндагии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ваколатдиҳанда, ба адвокат ордер дар асоси дархости ӯ дода мешавад.

**5.Тартиби нигаҳдории ордер.**

5.1. Ордерҳо ва китоби бақайдгирии он, аз тарафи шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ дар ҷойҳои бехатар ва барои дигарон дастрас набуда, нигоҳ дошта мешаванд.

5.2. Ҷавобгарӣ барои ташкили нигаҳдории ордерҳо, дуруст пур кардани онҳо ва бақайдгирии ордерҳо ба зиммаи роҳбарони шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ ва ё шахсони масъули аз ҷониби онҳо таъиншуда, вогузор мебошад.

5.3. Ордерҳои истифоданашуда ва ё аз эътибор соқитшуда дар шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ нигаҳ дошта мешаванд ва ё ба мақомотҳои минтақавӣ супорида мешаванд.

5.4. Қисми якуми ордерҳо, ордерҳои истифоданашуда ва ё аз эътибор соқитшуда, дар ташкилотҳои адвокатӣ ё ин, ки мақомотҳои минтақавӣ на кам **аз панҷ** сол аз рӯзи ба адвокатҳо супорида шуданашон нигоҳ дошта мешаванд. Баъд аз гузаштани панҷ сол қисми якуми ордерҳо, ордерҳои истифоданашуда ва ё аз эътибор соқитшуда метавонанд аз ҷониби роҳбарони шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ бо мувофиқаи мақомотҳои минтақавӣ дар асоси санад нобуд карда шаванд.

5.5. Бо мақсади таҳлили вазъи моливии Иттифоқи адвокатҳо, ҳалли мушкилоти напардохтани ҳаққи узвият дар иттифоқи адвокатҳо, раиси Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё раисони мақомотҳои минтақавӣ метавонанд аз шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ нусхаи китоби бақайдгирии ордерҳо ва ё қисми якуми ордерҳоро бо нигоҳ доштани сирри адвокатӣ (бе дарназардошти маълумот дар бораи ваколатдиҳанда), талаб карда гиранд.

5.6. Дар сурати аз тарафи адвокат пай дар пай беш аз се моҳ пардохт накардани ҳаққи узвияти Иттифоқи адвокатҳо, аз тарафи роҳбарони шаклҳои ташкилии фаъолияти адвкоатӣ, раисони мақомотҳои минтақавӣ ва ё Иттифоқи адвокатҳо, додани ордер ба ин адвокат қатъ карда мешавад.

5.7. Барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани бандҳои Низомномаи мазкур, шхсони масъули он бо тартиби пешбининамудаи санадҳои дохилии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад.

5.8. Низомнома, инчунин тағйиру иловаҳо ба он аз лаҳзаи тасдиқ намудан аз тарафи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо мавриди амал қарор мегиранд.

5.9. Бинобар дар таҳрири нав қабул шудани Низомнома "Дар бораи тартиби тайёр кардан, нигоҳ доштан, ба ҳисоб гирифтан ва додани ордер" аз 09 октябри соли 2023, Низомнома "Дар бораи тартиби тайёр кардан, нигоҳ доштан, ба ҳисоб гирифтан ва додани ордер" аз 14 декабри соли 2015 аз эътибор соқит дониста шавад.